***УДК 930+821.21/22.0***
***ББК 63.1(19)+83.35 (09)***

# *АРЗИШИ АДАБИИ ТАЪРИХНОМАҲОИ ҲАВЗАИ МОВАРОУННАҲР* **(асри XIX ва ибтидои асри XX)**

***Эшонқулов Илҳом Абдусаломович,***
*н.и. филол., докторанти ДДХ ба номи акад. Б. Ғ. Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ЦЕННОСТЬ ЛЕТОПИСЕЙ МАВЕРАННАХРА (XIX - начала XX веков)*

***Эшонкулов Илхом Абдусаломович,***
*к.филол. н., докторант ХГУ им. акад. Б.Г.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# *ARTISTIC VALUE OF MAVERANAKHR CHRONICLES (referring to the XIX-th – the beginning of the XX-th centuries)*

***Eshonqulov Ilhom Abdusalomovich,***
*candidate of philological sciences, Doctoral Student of KhSU named after acad. B.G.Gafurov (Tajikistan Khujand)*
***E-MAIL:*** *ilhom_eshonzoda@mail.ru*

**Вожаҳои калидӣ:** *адабиёти тоҷик дар асрҳои XIX-XX, таърихномаҳо, масоили адабӣ, ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, таърихнависӣ*

*Нақду баррасӣ ва муайян кардани арзиши адабии осори таърихӣ аз масъалаҳои муҳими илми филологӣ ба шумор меравад. Таҳқиқ ва баррасии вежагиҳои адабии осори таърихии ҳавзаҳои гуногуни Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки ин осори гаронмоя ва арзишманд дар таърихи нақду сухансанҷии форсу тоҷик қимати баландеро соҳиб буда, хоса дар омӯзиши таърихи адабиёти қарнҳои XIX-XX ба масобаи сарчашма ва марҷаи мӯътамад хидмат мекунад.*

*Аз ин рӯ, муаллиф кӯшидааст, ки ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои адабӣ дар таърихномаҳои аҳди охир аз чашмандози фарох назар карда, мақом ва эътибори онҳоро дар қаламрави забон ва адабиёти форсии ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр муайян созад. Ба ин ваҷҳ, дар радифи матолиби аслии мақола бозшиносӣ, муаррифӣ ва шарҳу баррасии осори таърихии қуруни XIX-XX, таҳқиқоти равишманди донишмандони соҳибмактаб, маҳсули дастранҷи муҳаққиқони замони муосир ва корҳои дар ин зимн ба анҷом расида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки арзиши таърихномаҳои ин ҳавзаро дар омӯзиш ва шинохти таърихи адаби форсии тоҷикӣ муқаррар месозад. Зарурати омӯзиш, пажӯҳиш ва интишори мероси хаттии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар замони муосир сол аз сол зиёд эҳсос гардида, дар ин самт бозёфт ва навгониҳои илмӣ ба вуҷуд оварда истодааст, ки барои пур кардани холигоҳи фазои маънавӣ ҳамчун василаи хубе хидмат мекунад.*

**Ключевые слова:** *таджикская литература XIX-XX веков, литературный круг Мавераннахра, историография, летописи, литературные тенденции, художественная ценность*

*Статья посвящена исследованию художественно-эстетической и исторической ценности летописей, в частности «Мунтахабат-таворих» («Избранные истории») Хаджи Мухаммада Хаким-хана (1843 г.) и «Зафарнаме Хусрави» («Книга царских побед»), созданных в XIX-XX веках в литературных кругах Мавераннахра, ставшего в этот период крупным культурным центром. Особое внимание уделено многоаспектному исследованию роли и места летописей в изучении и научном осмыслении литературы этого периода, а также в определении литературных тенденций исследуемого периода. На основе обобщения научно-исследовательских работ отечественных и зарубежных ученых по данной теме сделан вывод, что анализ художественной ценности летописей относится к числу актуальных вопросов, составляющих перспективное поле для появления последующих научных работ, поскольку исследование летописей указанного периода позволяет понять динамику развития персоязычной литературы XIX-XX веков.*

**Key words:** *Tajik literature referring to the XIX-th – the XX-th centuries, literary circle of Maverannakhr, historiography, chronicles, literary tendencies, artistic value*

*The article dwells on the analysis of artistic-aesthetic and historical value of chronicles, in particular, «Muntakhab-ul-tavokhir» (Selected Stories) by Khoji Muhammad Hakim-khan (1843) and «Zafar-name Khusravi» (The Book of Tsarist Victories) created in the XIX-th – the XX-th centuries in literary circles of Maverannakhr which became a big cultural center in the relevant period. Special attention is paid to the multi-aspectal research dealing with the role and place of chronicles in the terms of studies and scientific comprehension of literature referring to this period and determination of literary tendencies of the explored period as well. Designing on the premises of the generalization concerned with scientific-research works on the given theme belonging to both home and foreign scholars the author comes to the conclusion that the analysis of artistic value of chronicles refers to the number of actual issues making up a prospective field for a rise of subsequent scientific works, as the analysis of the chronicles of the mentioned period affords to understand the dynamics of development of the literature written in Persian in the period of the XIX-th – XX-th centuries.*

Дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои адабӣ дар баробари тазкираҳо, девони ашъор, куллиёт, сафина, ҷунг, кашкӯл, баёз ва ғ. инчунин нақш ва аҳамияти як қатор таърихномаҳои мактаби таърихнависии хонигариҳои Осиёи Марказии (ба вижа, Хӯқанд ва Бухоро) асри XIX ва ибтидои асри XX, аз қабили «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, «Таворихи манзума»-и Имомалии Қундузӣ, «Анҷум-ут-таворих»-и Худоёрхонзода, «Зафарномаи Хусравӣ» (маҷҳулмуаллиф), «Таърих»-и Садри Зиё, «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ, «Шоҳномаи Нусратпаём»-и Мушрифи Исфарангӣ ва ғ... низ назаррас аст, зеро дар батни ин осори таърихӣ баъзе ҳуҷҷату санадҳои муҳимеро пайдо кардан мумкин аст, ки барои кушодани масъалаҳои сарбаста ва равшан намудани паҳлӯҳои торики рӯзгор ва осори суханварони як давраи таърихи адабиёт барои муҳаққиқон кӯмак менамояд.

Ҳарчанд таърихномаҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар доираи таҳқиқоти як қатор донишмандони ватанию хориҷӣ чун В. Наливкин, В. В. Бартолд, П. П. Иванов, Миклухо Маклай, В. А. Ромодин, Ч. А. Стори, А. А. Семёнов, Ю. Маслаев, Р. Н. Набиев, А. Қаюмов, А. Мухторов, Ҷ. Назриев, Б. Аҳмедов, Ю. Хуршут, Ш. Воҳидов

ва ғ. мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, ҳанӯз холигоҳе дар ин самт аз нигоҳи адабӣ ба назар мерасад. Ва ё ба истилоҳи дигар, донишмандоне чун Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Субҳон Амирқулов, Энвер Хуршут, Азиз Қаюмов ва дигарон аз мадрак ва матолиби як қатор осори таърихӣ зимни омӯзиши таърихи адабиёти классики тоҷику ӯзбек бардошти зиёд намуда, роҷеъ ба арзиш ва аҳамияти адабии сарчашмаҳои мазкур андешаҳои хешро баён намуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқи комили илмӣ аз нигоҳи адабӣ то ҳол сурат нагирифтааст.

Донишманди тоҷик Усмон Каримов аҳамият ва арзиши адабии як қатор таърихномаҳое, чун «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, «Ансаб-ус-салотин фӣ таворих-ил-хавоқин»-и Мирзоолими Тошкандӣ, «Таворихи манзума»-и Имомалии Қундузӣ ва «Таърих»-и Садри Зиёро дар таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX муҳим арзёбӣ карда, дар бораи мӯҳтаво ва хусусиятҳои адабии онҳо ба таври мушаххас маълумот додааст, ки аз ҳар нигоҳ ҷолибу судманд аст (5, с. 40-46).

Муҳаққиқи мазкур арзишҳои адабии таърихномаҳои фавқро, пеш аз ҳама, дар фарогирии баъзе аз лаҳзаҳои рӯзгор, аҳвол ва намунаҳое аз осори чанд тан аз суханварони ин давра тақрир намуда, асноду мадорики ин гуна осорро ба ҳайси як ҳуҷҷат ва санади пурқимати илмӣ муҳим арзёбӣ кардааст. Арзиши адабии осори таърихӣ дар маҷмӯъ ва ҳар яке дар алоҳидагӣ қобили таваҷҷӯҳ ва тавзеҳи махсус мебошад.

Дар байни осори таърихии қуруни XIX-XX **«Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон** аз ҷиҳати ҳайсият, сабти маълумот, фарогирии матолиби адабӣ ва вежагиҳои дигари сабки нигориш имтиёзи бештар дорад. Ин китоб бино ба иттилои аҳли таҳқиқ соли 1259ҳ./1843м. ба забони форсии тоҷикӣ дар шаҳри Китоб навишта шудааст. Нусхашиносон ва муҳаққиқон аз мавҷудияти 11 нусхаи хаттии китоб дар марказҳои китобдорӣ ва захираи мухталифи дастнависҳои кишварҳои Осиёи Миёна, Санкт-Петербург, Ҷопон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон хабар додаанд. Нашри факсимилеи «Мунтахаб-ут-таворих» бар асоси нусхаи асл (нусхаи 63) дар 2 муҷаллад бо муқаддима ва таълиқоти академик А. Мухторов солҳои 1983-1985 дар Душанбе сурат гирифтааст.

Дар соли 2006 ҷилди дувуми «Мунтахаб-ут-таворих» ба хати форсӣ тариқи муассисаи «Мутолиоти фарҳангҳо ва забонҳои Осиёву Африқо дар Токио» бо тасҳеҳи муҳаққиқони ҷопонӣ Ё. Кавахара ва К. Хонеда ва баъдан ҷилди аввали он низ аз сӯи донишмандони мазкур соли 2009 ба табъ мерасад. Таҳиягарон Ё. Кавахара ва К. Хонеда бар асоси муқоиса ва муқобалаи нусхаҳои мухталифи «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, ки дар ганҷинаи дастхатҳои Русия (№С-470), Тоҷикистон (№63) ва Ӯзбекистон (№592) маҳфуз аст, матни илмӣ-интиқодии асарро нашр карданд.

Гузашта аз ин, дар Ӯзбекистон низ бо кӯшиш ва эҳтимоми Х. Расул ва М. Қодирова тарҷумаи ӯзбекии асари Муҳаммад Ҳакимхон ба тариқи ихтисор бо номи «Хотиралар» дар соли 1966 ба табъ расидааст.

Баъдан аз ҷониби таърихшинос Ш. Воҳидов бахшҳои марбут ба таърихи мингҳои хонигарии Хӯқанд, давраи манғитиёни Бухоро ва хотироти саёҳатҳои муаллиф ба забони ӯзбекӣ тарҷума гардида, бо муқаддима ва тавзеҳот дар соли 2010 тариқи

нашриёти «Янги аср авлоди» дар силсилаи «Тарихий мерос» кисвати табъ ба бар кардааст.

Аз масоили муҳиме, ки дар «Мунтахаб-ут-таворих» ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, воқеанигорӣ ва нақлу ривояти муаллиф аз ҳаёти иҷтимоии шоирони пешин ва ҳамаср мебошад. Муҳаммад Ҳакимхон дар асари хеш дар бораи 10 шоири муосири худ ва 11 шоири пешин маълумоти тарҷумаҳолӣ медиҳад, ки аксари он аснод дар сарчашмаҳои дигари таърихию адабӣ қайд нагардидаанд. Илова бар ин, дар «Мунтахаб-ут-таворих» тақрибан номгӯи 30 адад осори муаллифону 20 адад шоирон, ки дар асрҳои X-XIX умр ба сар бурдаанд, зикр шудааст.

Дар қатори асноди адабии овардашуда дар «Мунтахаб-ут-таворих» порчаҳои шеърӣ, аз қабили маснавӣ, байт, қитъа, таърих, рубоӣ, мухаммас, фард ва ғайра фаровон истифода бурда шудаанд, ки маҷмӯан онҳо 2025 байтро ташкил медиҳад. Намунаи шеърҳои аз шоирон овардашуда дар «Мунтахаб-ут-таворих» асосан аз Сино, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Мушфиқӣ, Бедил, Биноӣ, Зебунисо, Навоӣ, Нозим, Соиб, Фузулӣ, Кошӣ, Ҳозиқ, Адо, Акмал ва дигарон буда, арзиши баланди адабӣ доранд. Ин порчаҳои шеърӣ гоҳо бо зикри номи муаллиф ва гоҳе бе зикри он бо ифодаҳои «шоире гуфтааст», «гуфтаанд», «чунончи мегӯяд», «чунончи» ва ғайра оварда шудаанд.

Миқдори шеърҳои бе зикри номи муаллиф овардашуда 1504 байт ва шеърҳои бо зикри номи муаллифашон овардашуда 521 байтро ташкил медиҳанд. Ин порчаҳои манзум ба мазмуни ҳикоят ва ё воқеа алоқаманд буда, барои тасдиқ ва ё пурқувват кардани фикру мулоҳизаи муаллиф истифода шудаанд. Маълумоти дар бораи суханварон додаи Муҳаммад Ҳакимхон, бо вуҷуди хеле мухтасар будан, дар муайян кардани ҳаёт ва фаъолияти онҳо аҳамияти зиёд дорад.

Яке аз таърихномаҳои маҳҷулмуаллифи ҳавзаи Бухоро **«Зафарномаи Хусравӣ»** дониста мешавад, ки он дар соли 1279 ҳ. /1862-63 м. дар Бухоро ба қалам омадааст. То рӯзгори мо аз ин китоб ҳамагӣ 2 нусхаи дастнавис ба ёдгор мондааст, ки онҳо дар захираи дастнависҳои шарқии ба номи Абдулғанӣ Мирзоев ва махзани китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд. Асари мазкур аз лиҳози таърихӣ дар доираи таҳқиқоти як зумра донишмандон ва пажӯҳишгарони ватаниву хориҷӣ, чун А. Мухторов, Х. Назаров, М. Сутуда, И. Раҳматов, Ш. Воҳидов ва ғ. кашида шуда, матни илмӣ-тадқиқотии он аз сӯи муҳаққиқони мазкур дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва Тоҷикистон интишор ёфтааст: 1. Дар Душанбе бо кӯшиши И. Раҳматов нусхаи факсимилеи он бо пешгуфтор, тавзеҳот ва таълиқот дар соли 1989; 2. Дар Теҳрон бо унвони «Шарҳи ҳукмронии Саид Амир Насруллоҳ ибни Ҳайдар (1242-1277ҳ.қ.) дар Бухоро ва Самарқанд» бо тасҳеҳ ва таҳшияи Манучеҳри Сутуда дар таърихи 1377ҳ.ш. /1999м.; 3. Дар Тошканд аз ҷониби таърихшиносон Ш. Воҳидов ва Ш. Ҷӯраев бо тарҷума аз забони форсӣ ба забони ӯзбекӣ бо пешгуфтор, тавзеҳот ва ҷой додани нусхаи факсимиле дар соли 2011; 4. Дар Хуҷанд бо кӯшиш ва эҳтимоми муаррих Ҳоҷӣ Назир Муҳйидин Турсунзод ва ҳамкоронаш аз хати форсӣ ба кириллӣ дар соли 2011.

Гарчанде «Зафарномаи Хусравӣ» ва баъзе қисматҳои он то имрӯз якчанд маротиба ба нашр расида, ба забони ӯзбекӣ тарҷума шуда бошад ҳам, аммо, мутаассифона, дар нашрҳои тоҷикиву тарҷумаи ӯзбекии он асолати матн ҳифз нагардидааст. Бахусус, порчаҳои шеърии дар он сабт гардида, аз нигоҳи бозхонӣ таҷдиди назар мехоҳад. Дар ин бора муҳаққиқ А. Самеев дар як мақолаи

пурмӯҳтавои худ изҳори андеша намуда, аз мавҷудияти ғалатҳои зиёди нашри тоҷикистонии он ёдовар шуда буд (14).

Ҷанбаи адабии «Зафарномаи Хусравӣ» қабл аз ҳама, дар сабти ашъор дониста мешавад. Дар асари мазкур аз эҷодиёти шоирон порчаҳои шеърӣ маҷмӯан ҳудуди 395 байт оварда шудааст, ки шомили маснавӣ, қасида, марсия, ғазал, рубоӣ ва фард аст. Ҳамоҳангии таъбиру калимот ва таносуби назму наср аз вежагиҳои асосии сабки нигориши насри «Зафарномаи Хусравӣ» дар муқоиса ба таърихномаҳои ин давра ба шумор меравад. Ба истилоҳи дигар, мусанниф пас аз баёни тафсилоти воқеоту ҳодисот бештар порчаҳои маснавиро овардааст, ки онҳо ифодагари мавзӯъ, мӯҳтаво ва матолиби аслии асар мебошанд.

**«Анҷум-ут-таворих»-и Худоёрхонзода** низ дар баробари осори таърихии ин давра ҷиҳати инъикоси рӯйдодҳои таърихиву адабӣ нақши муассир дорад. Бори аввал доир ба ин китоб муаррихи ӯзбек Р.Н. Набиев дар «Из истории Кокандского ханства (Феодальное хозяйство Худаярхана)» (1973) маълумоти мухтасар додааст (8, с.13-15). Мавсуф зимни тавсифи нусхаҳои асар аҳамият ва арзиши «Анҷум-ут-таворих»-ро дар таърихнигории ҳавзаи Хӯқанд ба сифати манбаи муҳим таъкид менамояд.

Таърихшинос Ш. Воҳидов зимни пажӯҳиши таърихи хонигарии Хӯқанд дар китоби худ «Қӯқон хонлиги тарихи» (2012) перомуни як қатор осори таърихӣ ва, хоссатан, мактаби таърихнависии Осиёи Марказӣ маълумот додааст, ки аз ҳар ҷиҳат муҳиму арзишманд аст. Дар асари мазкур доир ба таърихи хонигарии Хӯқанд, ки дар рушди фарҳанг ва маданияти Осиёи Марказӣ саҳми бештар касб кардааст, ба таври муфассал иттилоот ҷой дорад. Ш. Воҳидов оид ба сайри таҳаввули таърихнависӣ дар хонигарии Хӯқанд таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, қисмати баъзе аз нусхаҳои хаттии таърихномаҳои арзишманди ин ҳавзаи бонуфуз, аз қабили «Анҷум-ут-таворих» бо забони ӯзбекӣ (2010) ва русӣ (2011), «Зафарномаи Хусравӣ» (2011) ва ғайраро аз тоҷикӣ-форсӣ тарҷума кардааст.

Аҳамияти адабии «Анҷум-ут-таворих»-и Худоёрхонзода, пеш аз ҳама, дар он ба назар мерасад, ки дар он порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти шуарои мозӣ ва мутааххир ҷиҳати тақвияти афкор ва андешаи муаллиф сабт гардидааст.

Аз порчаҳои намунавие, ки соҳиби «Анҷум-ут-таворих» дар китоб ҷой додааст, аён мегардад, ки корбасти жанрҳои маснавӣ, қитъа, рубоӣ, моддаи таърих (доир ба вафот, таваллуд ва ғ.) дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX хеле роиҷ буда, шоирони зиёде дар он табъозмоӣ намудаанд. Аз ин сабаб дар таърихнома ҳам аз ин анвои шеърӣ хеле фаровон намуна оварда шуда, ки аҳамияти сарчашмавии асарро меафзояд. Дар китоби мазкур порчаҳои шеърие, аз қабили 8 маснавӣ, 9 қитъа, 39 моддаи таърих, 3 рубоӣ, 1 дубайтӣ, 17 фард ва чанд абёти пароканда ба қалам оварда шудааст, ки маҷмӯан онҳо 150 байтро ташкил медиҳанд. Намунаи шеърҳо асосан аз Фирдавсӣ, Саъдӣ, Мирзо Ҷалоли Асир, Шӯхӣ, Хирад, Фазлӣ ва бахши аъзами он аз эҷодиёти шоирони ҳамасри мусаннифи китоб буда, дорои арзиши адабӣ ҳастанд. Ин порчаҳои шеърӣ гоҳо бо зикри номи муаллиф, вале бештар бе зикри он бо унвони жанрҳо (ба мисли маснавӣ, фард, ғазал, қитъа ва ғ.) қаламдод гардидааст.

Худоёрхонзода низ дар «Анҷум-ут-таворих» зимни баёни давраи салтанати Абулфайзхон як маснавии худнавиштро сабт кардааст (12, с. 67).

Метавон гуфт, ки аз байни анвои адабии дар «Анҷум-ут-таворих» истифодашуда моддаи таърих фаровон корбаст шудааст. Ин навъи шеърӣ дар адабиёти форсӣ таърихи қадима дошта, дар инъикоси замони воқеоту ҳодисот ва таърихи валодату

фавти ашхоси таърихӣ аҳамияти вежаеро дорост. Аз намунаҳое, ки мусанниф дар таърихнома ҷой додаст, аён мегардад, ки дар адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX корбасти ин навъи шеърӣ хеле роиҷ буда, шоирони зиёде дар он табъозмоӣ намудаанд. Аз ин сабаб дар «Анҷум-ут-таворих» ҳам аз ин навъи шеърӣ хеле фаровон намуна оварда шуда, ки аҳамияти сарчашмавии асарро меафзояд.

Қитъаҳои таърихӣ дар «Анҷум-ут-таворих» вақоеи муҳими сиёсиву иҷтимоие амсоли таърихи валодат, марги шоҳону ашхоси сиёсиву фарҳангӣ ва чанд ҳаводиси марбут ба он замонро бозгӯ мекунанд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи муҳити адабии Хӯқанд дар асри XIX, хосса шинохти нуктаҳои мубҳами зиндагиномаи як қатор суханварони зуллисонайн нақш ва саҳми матолиби **«Ансаб-ус-салотин фӣ таворих-ил-хавоқин»-и Мирзоолими Тошкандӣ** низ шоистаи таҳсин аст. Ин китоб пас аз забти қаламрави Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русия дар соли 1319ҳ./ 1901-02м. ба забони ӯзбекӣ таълиф гардидааст. Баъзе порчаҳои шеърии он ба забони тоҷикӣ буда, аҳамияти сарчашмавии ин асарро дар адабиёти дузабонаи ҳавзаи Мовароуннаҳр бозгӯ мекунад.

Асари мазкур дар тамоми манотиқи Мовароуннаҳр паҳн гардидааст. Нусхаи асли он бо коғази қӯқандӣ ва хати настаълиқ аз сӯи худи Мирзоолими Тошкандӣ китобат гардида, алъон зери шумораи 1314 дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад.

«Ансаб-ус-салотин...» бо унвони «Қӯқон хонлигининг тарихи» дар соли 2001 дар кишвари Ӯзбекистон нашр гардидааст. Аммо дар нашри мазкур матни комили асар ҷой дода нашуда ва тавзеҳот низ вуҷуд надорад.

Дар соли 2007 асари мазкур аз ҷониби муҳаққиқи ӯзбек С. Йӯлдошев ба забони русӣ бо тавзеҳоту таълиқот ба табъ расида, ғалатҳои ҷойдоштаи он то андозае бартараф мегардад. Ҳоло 3 нусхаи ин китоб дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

Шахсияти муаллифи китоб Мирзоолими Тошкандӣ ба ҳайси шоир дар тадқиқоти адабиётшиноси ӯзбек А. Қаюмов «Қӯқон адабий муҳити» (1961) мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Бино бар таъкиди ин муҳаққиқ дар охири нусхаи хаттии зери шумораи 1314 аз эҷодиёти худи муаллиф ҳудуди 1684 мисраъ сабт гардидааст (6, с. 330-345). Агар ба он қитъаҳои таърихӣ ва порчаҳои шеърии дар «Ансаб-ус-салотин...» оварда шударо ҷамъ намоем, миқдори умумии онҳо ба 2000 мисраъ мерасад, ки аҳамияти адабии асарро дучанд менамояд.

Муҳаққиқон Усмон Каримов ва Азиз Қаюмов арзиш ва аҳамияти адабии «Ансаб-ус-салотин...»-ро, қабл аз ҳама, дар фарогирии ҷузъиёти муҳимтарини рӯзгор ва осори суханароне чун Ҳозиқ, Шермуҳаммади Акмал, Шӯхии Хуҷандӣ, Маҳмуди Махмур, Ҳотиф, Нодира, Мирзо Маъсуми Косонӣ, Фазлӣ, Фонӣ, Имомалии Қундузӣ, Мулло Ниёзмуҳаммад Аттор ва чанди дигар тақрир кардаанд, ки бино бар таъкиди онҳо бахши аъзами ин маълумот дар сарчашмаҳои дигари ин давра ба назар намерасад (5, с. 42-45; 6, с. 336).

Дар **«Таворихи манзума»** низ як навъ таваҷҷӯҳ ба адабиёти асри XIX зоҳир шуда, таърихи фавти чанд шоиру нависанда зикр гардидааст. Аммо, бино ба гуфти У. Каримов, маълумоти Имомалии Қундузӣ дар таъин намудани соли вафоти шоирон аз такрори ахбори «Мунтахаб-ут-таворих» беш нест. Чунончи, соли вафоти Мирзо Солеҳи Исфарангӣ (санаи 1255/1839-1840 в. 66а), кушта шудани Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ,

мисраи таърих – «Ҳайф кӯри Ҷунайд шуд мақтул» (санаи 1259-1843, в. 115б), вафоти Махмури Хӯқандӣ, мисраи таърих – «Ҳайф он Махмур мурд» (санаи 1260/1844, в. 129б), вафоти Сайидғозии Нола (в. 140б) ва вафоти Мулло Бадали Хучандӣ (в. 385б) дар ҳар ду асар айнан як хел қаламдод гардидааст (5, с. 45).

Муаллифи «Тазкираи суханварони Истаравшан» Саидумари Кавкабӣ бошад, соли дақиқи вафоти Ҳотифро дар такя ба моддаи таърихи овардаи Абдулбоқӣ Хоҷаи Назим: «Шуд муқими биҳишт таърихаш, Рафта мулки бақо ба якшанбе» ва маълумоти «Таворихи манзума» муайян кардааст. Бино бар таъкиди муҳаққиқи мазкур санаи таърихи овардаи Абдулбоқӣ Хоҷаи Назим ва Имомалии Қундузӣ, ки 1267 мебошад, дуруст ва саҳеҳ аст, зеро ки ин санаҳо дар ҳамон рӯзҳои вафоти Ҳотиф навишта шудаанд (11, с. 183-184). Дар маълумоти як зумра тазкиранависон: Возеҳу Ҳашмат ва Садри Зиё, ки таърихи даргузашти Ҳотифро соли 1269 ва ҷои дигар 1249 тақрир кардаанд, як навъ ихтилоф ҷой дорад. Аз ин ҷиҳат, «Таворихи манзума»-и Имомалии Қундузӣ дар сабти иттилоот имтиёзи бештар касб кардааст, ки метавон онро ба сифати сарчашмаи муътамади таърихии ҷанбаи адабӣ дошта доир ба омӯзиши таърихи асри XIX Осиёи Марказӣ ба шумор овард.

Дигар аз манобеи муътамади таърихие, ки моро барои шинохти ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухоро дар нимаи садаи XIX ва ибтидои садаи XX комилан огоҳ месозад, осори пурарзиши устод С. Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» аст.

**«Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и устод Айнӣ** аз нахустин осори таърихии нависанда ба шумор рафта, байни солҳои 1918-19 ба қалам омадааст. Он фарогири воқеаву ҳодисоти давраи ҳукмронии сулолаи манғития аз ибтидо то анҷом буда, дар маҷмӯъ 3 маротиба рӯи чопро дидааст. Аввалан, пас аз ғалабаи Инқилоби Бухоро дар шумораҳои мухталифи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» зери унвони «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» ва баъдан дар соли 1932 дар Тошканд ба шакли китоби алоҳида интишор мегардад. Матни комили ин асар дар ҷилди даҳуми куллиёти Садриддин Айнӣ гирдоварӣ шудааст.

Доир ба хусусиятҳои таърихии китоб дар баъзе сарчашма ва осори таҳқиқӣ маълумот ҷой дошта бошад ҳам, аммо таҳқиқи комили ҷанбаҳои илмиву адабии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и устод Айнӣ то ҳанӯз сурат нагирифтааст.

Садриддин Айнӣ ҳини таълифи асар аз матолиби як қатор кутуби таърихӣ, ба монанди «Таърихи салотини манғития»-и Мирзоазими Сомӣ, «Таърихи амирони манғития»-и Хумулии Самарқандӣ, «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёзмуҳаммади Хӯқандӣ, «Таърихи Туркистон»-и Мирзо Олими Маҳмуд, «Тоҷ-ут-таворих»-и Абдурраҳмонхон ва аз манобеи дигар истифодаи фаровон кардааст, ки дар ин бора ишораи муаллиф ҳам дар мутуни асар ва ҳам хотимаи он ҷой дорад. Илова бар ин, муаллиф аз иштирокдорони воқеоти он давра маълумоти зиёд ба даст оварда, аз он баҳрабардорӣ кардааст.

Бо далел ва санадҳои қавӣ такмил бахшидани маълумоти муаррихони ҳамаср хусусияти фарққунанда ва фазоили муҳими таърихнигории муаллифро ба вуҷуд овардааст, ки ин навъи вежагӣ ба асар ҳусни тозае зам намуда, қимати адабиву таърихии онро дучанд меафзояд. Масалан, мусанниф дар ҷое навиштааст: «Таърихи сабткардаи Мирзо Азимро таърихе ки Мирзо Содиқи Муншӣ он вақт ба ҷулуси амир Шоҳмурод назман навиштааст, таъйид мекунад. Бинобар ин, дар ин бора рақами 1193, ки «Таърихи Туркистон» сабт кардааст, хатост» (1, с. 14). Шакли саҳеҳи соли

даргузашти амир Дониёл аз нигоҳи Айнӣ 1191 аст, ки Мулло Ҳумулии Самарқандӣ низ онро тасдиқ кардааст. Ин гуна назарсанҷӣ ва дақиқкории мусанниф бештар дар перомуни таърихи валодат, фавт ва лашкаркашиҳои амирони манғития ба назар мерасад.

Устод Айнӣ бештар ба матолиби «Таърихи салотини манғития»-и Абдулазими Сомӣ такя карда бошад ҳам, вале онро ба маводи тозае, ки аз маъхазҳои таърихӣ гирифта буд, хеле такмил додааст.

Дар ин таърихнома доир ба як қатор уламо, фузало ва шуаро, чун Аҳмади Дониш, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Исо-махдум, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Шариф-махдуми Мӯътасим, Мирзоазими Сомӣ, Ҳумулии Самарқандӣ ва дигарон ишораҳо ҷой дорад, ки арзиши адабии асарро таъмин менамояд.

Бахусус, маълумот дар бораи ду чеҳраи мунири ин давра - Аҳмади Дониш ва Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Муаллифи китоб аз хусуси як қатор фазоили неки Аҳмади Дониш, ба мисли истеъдоди фитрӣ, ҳақиқатгӯӣ, маҳорати мунаҷҷимӣ, ҷасорат ва назароти мунаққидонаи ин мутафаккир ёдовар шуда, шинохти ҳар чи бештари шахсият ва ҷаҳони андешаи мавсуфро дар мураҷҷиа ба «Наводир-ул-вақоеъ» вогузор кардааст (1, с. 99-100).

Устод Айнӣ падари Мирсиддиқхони Ҳашмат - амир Музаффархон ва ворисони ӯро «ба касрати авлодӣ» аз дигар амирони манғития дорои имтиёз ба шумор оварда, аз ҷараёни ба ҳабси хонагӣ гирифтор буданаш дар аҳди ҳукмронии амир Абдулаҳад ёдрас шудааст (1, с. 105-106).

Дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» низ аз хусуси заминаҳои пайдоиш, иштиҳор, ҳайати таҳририя ва қатъ гаштани фаъолияти нахустҷаридаҳои тоҷикӣ ишора ва мулоҳизаи муаллиф дида мешавад. Масалан, устод Айнӣ дар бораи як ҳодисаи латифавор будани иҷозат барои нашри рӯзномаро ба ин тариқ нақл кардааст: «Ҷавонбухориён ба латоифулҳияли бисёр дар соли 1330 ҳиҷрӣ (моҳи марти 1912 мелодӣ) ба воситаи вакили сиёсии Русия аз амир рухсати нашр кардани як рӯзномаро гирифтанд.

Дар соли мазкур, моҳи рабеъулаввал ба забони форсӣ рӯзномаи «Бухорои шариф» дар майдони интишор баромад» (1, с. 146). Бояд тазаккур дод, ки Садриддин Айнӣ нисбати тақдири матбуоти тоҷик таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, баҳри ташаккул ва густариши он хидматҳои назаррас низ кардааст.

«Таърихи амирони манғитияи Бухоро», қабл аз ҳама, ба сифати сарчашмаи таърихӣ, доир ба инъикоси авзои сиёсии замон, муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мавҷуда арзиши бениҳоят зиёд дорад. Маълумоте, ки зикраш дар ин китоб рафтааст, дар заминаи мушоҳидаи шахсии муаллиф ҳосил гардида, бо далелҳои қотеъ мустанад шудаанд. Аз ин хотир, ин гуна далелҳои зикрнамудаи муаллиф дар перомуни авзои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии давр аз мушоҳидаву шунидаҳои ӯ ҳосил гардида, дорои аҳамияти таърихиву адабӣ мебошанд.

**«Таърихи инқилоби Бухоро»** то имрӯз се маротиба ба забони ӯзбекӣ ба табъ расидааст. Донишманди тоҷик Раҳим Ҳошим дар соли 1987 онро аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва нашр намудааст. Баъдан дар соли 2005 бо эҳтимом ва кӯшиши Камол Айнӣ бо пешгуфтори муфассал ҳамчун ҷилди 14 куллиёти нависанда таҳти унвони «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба зевари табъ ороста мегардад.

«Таърихи инқилоби Бухоро» асари пурқиммат ва як таърихномаи воқеиест, ки муаллиф «дониставу фаҳмида» ва бисёр воқеоту рӯйдодҳои ҳамон давраро бо чашми

худ дида, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар асари номбурда исми ашхоси зиёде зикр шудааст, ки онҳо равшанфикроне буданд ва баҳри таъсиси мактаб ва таҳаввули илму маориф ҷони хешро ба гарав монда, мафкураи мардумро бо ғояҳои маърифатпарварӣ рангин менамуданд. Аз ин хотир, зикри як қатор равшанфикрон, аз ҷумлаи Аҳмади Дониш, Абдулвоҳиди Мунзим, Абдуррауфи Фитрат, С. Ализода, Садри Зиё, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва дигарон дар асари мазкур мавқеи асосӣ дорад. Ин китоб шабеҳи оинаи вазънамоест, ки ҳаёти он давраи Бухороро бо тамоми печидагиҳояш нишон дода, мардумро ба инқилоби фикрӣ водор месохт. Устод Айнӣ дар баробари зикри масоили гуногуни фарҳангӣ, инчунин дар бобати заминаҳои пайдоиш ва густариши матбуоти форсизабонон изҳори андеша намуда, менависад, ки - «Барои ташаккули фикру андешаи инқилобӣ ва иҷтимоӣ дар Бухоро дар радифи асарҳои Дониш ва пайравонаш, ислоҳотхоҳони Русия, Туркия, адабиёт ва матбуоти форсӣ, масалан рӯзномаҳои «Ҳабл-ул-матин», «Чеҳранамо», «Парвариш» ва китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек» нақши муҳим бозидаанд» (2, с. 87).

Дар «Таърихи инқилоби Бухоро»-и устод Айнӣ асомии якчанд рӯзномаву маҷаллоти фаъолияташон ба забони тоҷикӣ гироиш дошта, аз қабили «Бухорои шариф», «Тӯрон», «Оина», «Тонг», «Қутулиш» ва ғ... зикр гардидааст, ки дар бедорфикрии ҷавонбухориён нақши муассир гузоштаанд.

Сарнавишт ва қисмати нахустрӯзнома ва маҷаллаҳои тоҷикӣ чун «Бухорои шариф», «Тӯрон» ва «Оина» аз дидгоҳи устод Айнӣ бо тамоми ҷузъиёташон, яъне аз замони таъсис то қатъ гаштани фаъолият мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифтааст. Масалан, устод Айнӣ доир ба қатъ гаштани фаъолияти рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин навиштааст: «Ба ҳамин тариқ, газетаи «Бухорои шариф» аз 11 марти 1912 то 2 январи 1913 ҳамагӣ 153 шумора ва «Тӯрон» аз 14 июли 1912 то таърихи мазкур 49 шумора нашр шуда, маҷбуран баста шуданд. Ин ду ниҳол, ки акнун ба мева додан даромада буданд, бо табари зулму истибдод аз боғчаи халқ решакан шуданд» (2, с. 108).

Вобаста ба қазияи мазкур бахшида ба суқути рӯзномаи «Тӯрон» марсия ҳудуди 9 байт эҷод кардани устод Айнӣ бозгӯи вазъи маънавии замон шуда метавонад. Айнӣ зоҳиран, аз маҳв шудани рӯзномаҳо ба ҳасрат хабар медиҳад, вале бо тасаввури ҳамақидаҳо дар мавриди ба туркон нисбат доштани унвони «Тӯрон» нигоҳ накарда, бо назардошти рӯзномаи «Бухорои шариф» мафҳуми вожаи «Тӯрон»-ро васеъ, таърихан дуруст ва мансуб ба тамоми Мовароуннаҳр ва аз ҷумла, мардуми тоҷик тавзеҳ медиҳад .... (2, с. 109).

Чашми диққат дӯхтани устод Айнӣ перомуни масоили мактабу маориф як амали пажӯҳишӣ ва рисолати вежаи фарди соҳибназар аст, ки дар он замони қатлу ғорати илму фарҳанг масъулияти баланди худшиносӣ ва бедорфикриро тақозо макард. Аз ин хотир, нависанда дар ағлаби мутуни «Таърихи инқилоби Бухоро» аз хусуси бунёди мактабҳои усули ҷадид, мударрисону толибилмон ва вазъи таълиму тадрис ёдовар шуда, арзи фаъолият ва зарурати онҳоро ҷиҳати ба таҳрик овардани мафкураи ҷавонони маърифатхоҳ арзёбӣ кардааст. Ҳамзамон вобаста ба қатъи фаъолияти макотиби усули нав марсия (6 байт) эҷод кардани устод Айнӣ беэътинову бетафовут набудани ӯро нисбат ба илму адаб ба субут мерасонад (2, с. 121).

Хулоса, «Таърихи инқилоби Бухоро»-и устод Айнӣ як асари пурарзишест, ки ҷиҳати инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Бухоро ба сифати манбаи боэътимод ва дорои аҳамияти адабӣ хидмат мекунад. Дар асари ёдшуда аз таърихи

талошу муборизаҳои як зумра равшанфикрон, зуҳури ҷаридаҳои нахустини форсии тоҷикӣ ва макотибу ширкатҳои маърифатӣ сухан меравад, ки қобили таваҷҷӯҳ аст.

Баррасии масоили адабии бахше аз таърихномаҳои асри XIX ва ибтидои қарни XX ҳавзаҳои Мовароуннаҳр моро ба натоиҷи зерин мерасонад:

- Дар замони муосир доир ба осори таърихии ин давра ва аҳамияти илмиву таърихии он як қатор мақолоти илмӣ ва рисолаҳои таҳқиқӣ аз сӯи донишмандон таълиф гардида бошанд ҳам, аммо то имрӯз пажӯҳиши комили илмӣ аз нигоҳи адабӣ дар мақолоти ҷудогона ва ё рисолаи алоҳида ба миён наомадааст.

- Нақду баррасӣ ва муайян кардани арзиши адабии осори таърихӣ аз масъалаҳои муҳими илми филологӣ ба шумор меравад. Таҳқиқ ва баррасии вежагиҳои адабии осори таърихии ҳавзаҳои гуногуни Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки ин осори гаронмоя ва арзишманд дар таърихи нақду сухансанҷии форсу тоҷик қимати баландеро соҳиб буда, хоса дар омӯзиши таърихи адабиёти қарнҳои XIX-XX ба масобаи сарчашма ва марҷаи мӯътамад хидмат мекунад.

- Таърихномаҳои дар Осиёи Марказӣ таълифшуда аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ ҳастанд, ки муаллифони онҳо ба хусус, перомуни рӯзгор ва аҳволи суханварони ҳамасри худ иттилоъ додаанд.

- Имрӯз фурсати он расидааст, ки нусхаҳои нисбатан саҳеҳу мукаммал ва мунаққаҳи сарчашмаҳои таърихии мактаби таърихнависии хонигариҳои Осиёи Марказӣ бо як шакли ҳолибу ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои матншиносӣ рӯи кор оварда шавад, то ки аз он муҳаққиқону дилбохтагони таъриху адабиёт самароти зиёде бардошта бошанд.

- Дар батни осори таърихии ин давра аз анвои адабӣ бештар қитъаҳои таърихӣ, марсия, маснавӣ, рубоӣ ва фард интихоб шудааст, ки ба мазмун ва мӯҳтавои воқеаву ҳаводиси ҳамон давра тавъам мебошанд. Ба таъбири дигар, тавассути ин порчаҳои шеърӣ метавон вазъи иҷтимоии замони уламову фузалоро дар аҳди ҳар ҳукмрон ва завқи сухансанҷии онҳоро тақрир намуд.

- Инчунин дар осори дигари таърихии қарни XIX ва ибтидои қарни XX, аз ҷумла «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммади Хӯқандӣ, «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, «Таърихи ҷадидаи Тошканд»-и Муҳаммадсолеҳхӯҷаи Тошкандӣ ва «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшоди Барно низ ба авзои адабии доираҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, равияҳои адабӣ ва бархе аз нуктаҳои номуайяни рӯзгор ва осори як қатор шоиру нависандагон ишора шудааст, ки дар тадқиқоти оянда ҳатталимкон баррасӣ хоҳем кард.

***Пайнавишт:***

1. *Айнӣ, Садриддин. Таърихи амирони мангитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷилди 10.- Душанбе: Ирфон, 1966.- 343 с.*
2. *Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро.- Душанбе: Адиб, 1987.*
3. *Воҳидов, Шодмон. Қўқон хонлиги тарихи (хонлик тарихи манбаларда). Тошкент, 2012.- 175б.*
4. *Зафарномайи Хусравий. Таржимонлар Ш. Воҳидов ва Ш. Жўраев; масъул муҳаррир Ш. Воҳидов. – Тошкент: Тамаддун, 2011. – 448 б.*
5. *Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX.– Душанбе: Дониш, 1974.–187 с.*
6. *Қаюмов, Азиз. Қўқон адабий муҳити.–Тошканд: Уз ССР ФАН, 1961.–359 с.*
7. *Қундузӣ, Имомалӣ. Таворихи манзума. Нусхаи №204 (Дш).*

8. *Набиев Р. Н. Из истории Кокандского ханства (феодальное хозяйство Худояр-хана).- Ташкент, 1973.*
9. *Собрание восточных рукописей АН УзССР / Под ред. А. А. Семенова. Т.I.–Ташкент: Издательство АН УзССР, 1952.*
10. *Султон, Сайидумари Кавкабӣ. Тазкираи суханварони Истаравшан(шеърҳо).- Душанбе: Адиб, 2012.- 260 с.*
11. *Худаярханзаде. Анджум ат-таварих (звезды истории). Авторы перевода с персидско – таджикского языка, введения и комментарии Ш. Вохидов и С. Елшибаев.-Ташкент: янги аср авлоди, 2011.- 210 б.*
12. *Ҳакимхон, Ҳоҷӣ. Мунтахаб-ут-таворих / Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов.-Душанбе,1985. (Ҷилдҳои 1 ва 2. –Душанбе,1983, 1985).*
13. *Ҳакимхон, Муҳаммад. Мунтахаб-ут-таворих. Ҷилди аввал. Тасҳеҳи Ё. Кавахара ва К. Хонеда. Муассисаи мутолеоти фарҳангҳо ва забонҳои Осиё ва Африқо. – Токио, 2009.- 666 с.*
14. *Самеев А. Бӯрёбоф агарчи бофандааст…//Ҳақиқати Суғд. -№ 137. - 15.11.2011.*

***Reference Literature:***

1. *Ayni, Sadriddin. The History of Bukhara Manghtys` Emirs. Collection of Compositions. – V. 10. - Dushanbe: Cognition, 1966. – 343 pp. (in Tajik)*
2. *Ayni, Sadriddin. The History of Bukhara Revolution. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1987. (in Tajik)*
3. *Vohidov, Shodmon. The History of Kokand Emirate (Sources of Emirate History). – Tashkent, 2012. – 1758. (in Uzbek)*
4. *Zafar-Name of Khusravi. Translated by Sh. Vohidov, Sh. Jurayev. Editor-in-charge: Sh. Vohidov. - Tashkent: Civilization, 2011. – 488 pp. (in Uzbek)*
5. *Karimov, Usmon. Tajik Literature Referring to the second Half of the XVIII-th – the Beginning of the XIX-th Centuries. - Dushanbe: Knowledge, 1974. – 187 pp. (in Tajik)*
6. *Kayumov, Aziz. Khukand Literary Circle. - Tashkent: Publishing-house under the Uzbek SSR Academy of Sciences, 1961. – 359 pp. (in Uzbek)*
7. *Qunduzi, Imomali. Prose Histories. Copy # 204 (Dushanbe) (in Tajik)*
8. *Nabiyev R.N. From the History of Kokand Khanate (Feudal Household of Khudoyarkhan). – Tashkent, 1973. (in Russian)*
9. *Collection of Oriental Manuscripts under the Uzbek SSR Academy of Sciences / under the editorship of A.A. Semyonov. – V.1. - Tashkent: Publishing-house under the Uzbek SSR Academy of Sciences, 1952. (in Russian)*
10. *Sulton, Saidumari Kavkabi. Biography of Istaravshan Men-of-Letters (poems). - Dushanbe: Man-of-Letters, 2012. – 260 pp. (in Tajik)*
11. *Khudoyorkhon-zoda. Anjumat at-Tavorikh (Stars of History). Translation from Persian-Tajik, introduction and commentaries by Sh. Vohidov, S. Yelshibayev. - Tashkent: New Century Generations, 2011. – 210 pp. (in Tajik)*
12. *Hakim-khon, Hoji. Muntakhab ut-Tavorikh (Selected Histories) / Preparation, introduction and commentaries by A. Mukhtorov. – Dushanbe, 1985. – V.V. 1 – 2. – Dushanbe, 1983. 1985. (in Tajik)*
13. *Hakimkhon, Muhammad. Muntakhab ut-Tavorikh (Selected Histories) – V.1. Revised by Yo.Kavakhara, K.Khoneda. The Institute of Cultural Readings and the Languages of Asia and Africa. – Tokyo, 2009. – 666 pp. (in Tajik).*
14. *Sameev A. A Mats-Maker what if to Be a Weaver….// Haqiqati Sughd (The Truth of Sughd). - # 137 November 15, 2011.*